**ХУЛОСАИ**

**шурои диссертатсионии 6D.КОА-077 назди Академияи таҳсилоти Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.1. Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот.**

**Парвандаи аттестатсионии № ____________**
**Қарори шурои диссертатсионӣ аз**
**8 июли соли 2026, №132**

Барои сазовор донистани Шарифзода Файзигул Шариф шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ.

Диссертатсияи Шарифзода Файзигул Шариф дар мавзуи «Истифодаи воситаҳои иттилоотию технологияи инноватсионии таълим дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон».

Аз рӯйи ихтисоси 5.3.1. Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот ба ҳимоя 28 апрели соли 2025 қабул карда шуд, протоколи №128-ИҲ-и шурои диссертатсионии 6D.КОА-077 назди Академияи таҳсилоти Тоҷикистон (734024, шаҳри Душанбе, кӯчаи А. Адҳамов, 11/2; бо фармоиши КОА аз 06.09.2024, №321/шд таъсис ёфтааст).

Довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ Шарифзода Файзигул Шариф 27.04.1981 таваллуд шудааст.

Довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ соли 2002 Коллеҷи омӯзгории шаҳри Қурғонтеппа ба номи Носири Хусрав ва соли 2011 Донишгоҳи давлатии Қурғонтеппа ба номи Носири Хусрав (ҳозира Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав)-ро бо ихтисоси педагогика ва методикаи таълими ибтидоӣ, (ДТО №0112393) хатм намудааст.

Фаъолияти меҳнатии Шарифзода Файзигул Шариф аз моҳи сентябри соли 2002 ба ҳайси омӯзгори фанни таълими меҳнат дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №18-и ноҳияи Хуросон оғоз гардидааст ва то моҳи марти соли 2003 дар ин вазифа фаъолият кардааст. Аз моҳи марти 2003 то соли 2005 ба ҳайси омӯзгори синфҳои ибтидоии муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №18-и ноҳияи Хуросон, аз соли 2005 то соли 2007 ҷонишини директор оид ба синфҳои ибидоии муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №18-и ноҳияи Хуросон, аз соли 2007 то соли 2012 ба ҳайси омӯзгори синфҳои ибтидоӣ ва технологияи информатсионии муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №18-и ноҳияи Хуросон, аз соли 2012 то соли 2022 ба ҳайси ассистент, омӯзгори калони кафедраи педагогикаи умумидонишгоҳии

Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ кору фаъолият кардааст.

Аз соли 2022 инҷониб ба ҳайси омӯзгори калони кафедраи педагогика ва психологияи синфҳои ибтидоии факултети педагогикаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ фаъолияти кориашро идома бахшида истодааст.

Шарифзода Файзигул Шариф солҳои 2015-2024 ҳамчун унвонҷӯйи кафедраи педагогикаи умумидонишгоҳии факултети педагогикаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.1. (13.00.01.) Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (қарори шурои олимон аз 03.07.2015, №6/8.2) корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ бурдааст.

Мавзуи кори диссертатсионии Шарифзода Файзигул Шариф дар мавзуи «Истифодаи воситаҳои иттилоотию технологияи инноватсионии таълим дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон», бо қарори шурои олимони Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ аз 03.07.2015, №6/8.2 тасдиқ шудааст ва бо қарори шурои олимони Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ аз 06.05.2022, №11/5.7.(б) ҷиҳати ивази роҳбари илмии унвонҷӯ тағйирот қарор қабул карда шудааст.

Диссертатсия дар Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ иҷро шудааст.

Роҳбари илмӣ: Лутфуллозода Муҳаммад – доктори илмҳои педагогӣ, профессор, академики Академияи таҳсилоти Тоҷикистон.

Муқарризони расмӣ:

Мирзоев Абдулазиз Раҷабович – доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи барномасозӣ ва низомҳои зеҳнии Донишкадаи технологияҳои рақамӣ ва зеҳни сунъии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон;

Каримзода Шавкат Карим – номзади илмҳои педагогӣ, директори Маркази ҷумҳуриявии таълимию методии назди Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Муассисаи пешбар**: Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода.

Дар хулосаи мусбат додашуда аз 25.05.2026, протоколи №10/1, ки онро раиси ҷаласа, Қодиров Шарифалӣ – номзади илмҳои география, мудири кафедраи педагогикаи умумидонишгоҳии Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода, Қаюмова Ҳурилиқо Тағайевна – эксперти таҳқиқоти диссертатсионӣ, номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи педагогикаи умумидонишгоҳии Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода ва

котиби ҷаласа, Нураҳмадзода Дилафрӯз имзо карда, ректори Донишгоҳи мазкур - доктори илмҳои филологӣ, профессор Гулназарзода Жило Бурӣ тасдиқ кардааст, ба диссертатсия дар умум баҳои мусбат дода, аз он ҷумла, иброз кардааст, ки: «...дараҷаи аососноккунии таҳқиқот аз ҷониби унвонҷӯйи дараҷаи илмӣ дар асосҳои мустаҳками методологӣ, ки таҳқиқот бар он бунёд ёфтааст, аз ҷумла татбиқи нуктаҳои умумӣ оид ба моҳияти педагогикаи мактабӣ, ташаккул ва рушди тафаккури эҷодӣ, қобилияти эҷодӣ, вижагиҳои амалисозии абзорҳои амалии рушди хонандагон дар раванди таълиму тарбияи муассисаҳои таълимӣ дар фаъолияти касбӣ мебошад. Муаллиф оид ба салоҳиятҳои асосӣ барои ҷомеаи касбии педагогӣ ҳамчун объекти муҳим ва ҷолиби фаъолияти таҳқиқотӣ, ки дорои аҳамияти баланди амалӣ ва ҳамзамон сатҳи нокифояи мулоҳизаронии назариявӣ мебошанд тавзеҳ додааст. Ҳамчунин, муаллиф коркард ва амалисозии бевоситаи раванди таҳсилот дар сурати ба роҳ мондан ва ҷалби мутахассисони дигар – психологҳо, омӯзгор - ташкилотчиён ва ғайра сифатноктар ва самараноктар замима намудааст, ки ба рушди бештари коркарди муфассали абзорҳои амалӣ мусоидат мекунад.

Аз ҷониби муҳаққиқ ба таври муфассал корҳои илмии олимони соҳаи педагогика, адабиёт, психология, фалсафа ва олимони соҳаҳои дигар омӯхта шудааст, ки дар онҳо асосҳои назариявӣ ва педагогӣ-психологии ташаккули фаъолгардонии фаъолияти мустақилонаи хонандагон дар раванди таълиму тарбияи муассисаҳои таълимӣ дар шароити муосир мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор гирифтааст.

Дар баробари ин, дар таҳқиқ роҳҳо, шаклҳо ва усулҳои истифодаи самараноки воситаҳои иттилоотию технологияҳои инноватсионӣ барои баланд бардоштани сифати таҳсилот, рушди тафаккури эҷодӣ, мустақилияти таълимӣ ва омодасозии хонандагон ба зиндагӣ ва фаъолияти касбӣ дар ҷомеаи иттилоотӣ муайян ва аз ҷиҳати илмӣ асоснок карда шудаанд.

Натиҷаҳои тадқиқот имкон медиҳанд, ки истифодаи маҷмуи методҳои иловагии такмилдиҳандаи якдигар, ки ба мақсаду вазифаҳои таҳқиқот мувофиқанд, методҳои арзёбии сифатӣ, миқдорӣ ва шарҳу тафсири маълумот, бомуваффақият ҷорӣ намудани натиҷаҳо дар фаъолияти амалии муассисаҳои таҳсилотӣ таъмин карда мешавад **ва** дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ба таври самаранок ба роҳ монда ва истифода бурда шаванд.

Инчунин, барои ба даст овардани натиҷаҳои таҳқиқот дар амал унсурҳои таҳлили мундариҷаи матн, усули баҳодиҳии ташхисӣ, усули банақшагирии самараноки озмоишҳо, пурсиш, мусоҳиба. суҳбат, мушоҳида, кори таҷрибавӣ-озмоишӣ, таҳлили натиҷаҳои таҳқиқоти озмоишӣ истифода шуданд. Асоснокии хулосаҳо ва пешниҳодҳои овардашуда, инчунин, сатҳи баланди илмии онҳо гувоҳи онанд, ки муаллиф аз осори муҳимми олимони

шинохтаи соҳаи таърихи ватанӣ ва хориҷӣ эҷодкорона истифода бурдааст. Хулоса ва тавсияҳои илмии таҳқиқ, ки дар заминаи таҳлилҳои назариявӣ ва таҷрибавӣ таҳия шудаанд ва барои татбиқи амалии натиҷаҳо заминаи устувор фароҳам овардаанд, эътимоднокии таҳқиқотро тасдиқ мекунанд.

Дар маҷмуъ, диссертатсияи Шарифзода Файзигул Шариф аҳамияти калони илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ дошта, истифодаи амалии натиҷаҳои он ба рушди соҳаи маориф ва тарбияи насли наврас саҳми арзанда гузошта метавонад.

Таҳқиқи диссертасионӣ аз ин ҷиҳат қобили дастгирӣ мебошад, ки он ба рушди истифодаи воситаҳои иттилоотию технологияи инноватсионии таълим дар муасиссаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ таваҷҷӯҳ мекунад, ки ин гурӯҳи синнусолӣ барои ташаккули рушди тафаккури хонандагон тавассути воситаҳои иттилоотию технологияи инноватсионии таълим хеле муҳим аст. Таҳқиқоти мазкур на танҳо ба омӯзгорон кӯмак мекунад, балки барои сиёсати таҳсилотии давлат ва рушди иҷтимоии ҷомеа низ аҳамияти калон дорад.

Мазмун ва муҳтавои кори таҳқиқотӣ дар интишороти муҳаққиқ дар маҷалаҳои тасдиқнамудаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, дастури таълимӣ-методӣ, мақолаҳо дар маҷмуаҳо аз конференсияи байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ ба мазмун ва муҳтавои диссертатсия ва автореферати он мувофиқат менамоянд. Инчунин, муҳаққиқ кӯшиш намудааст аз таҳқиқотҳои олимони ватанӣ, аз адабиётҳо бо забони тоҷикӣ истифода намуда бо нутқи хаттии фаҳмо фикру ақидаҳои худро иброз намояд».

Инчунин, қайд гардидааст, ки Шарифзода Файзигул Шариф довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ 15 интишороти илмӣ, аз ҷумла, 9 номгӯй мақолаҳои илмии зерин оид ба мавзуи диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президентии Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсияшуда ба табъ расидаанд, ки мазмуни асосии диссертатсияро инъикос мекунанд:

[1-М]. Моҳият, мазмун, вазифа ва муҳимияти технологияи инноватсионии таҳсилот дар фаъолияти таълимии муассисаҳои олии Тоҷикистон. // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. - Душанбе, 2018. № 3 (75). - 128-130, ISSN 2219 - 5408.

[2-М]. Азизова, Ф.Ш. Истифодаи усулҳои фаъоли таълим дар дарси муосир. // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ . - Душанбе, 2020. № 3 (3). - 143-145, ISSN 2708- 5759.

[3-М]. Азизова, Ф.Ш. Ташаккули фаъолияти касбии омӯзгории оянда дар марҳилаи гузариш ба низоми кредитии таҳсилот. // Паёми Донишгоҳи ба номи С. Айни. - Душанбе-2020, № 1 (1). – 188-191, ISSN 2708- 5759.

[4-М]. Азизова, Ф.Ш. Нақши технология муосири педагогӣ дар

ташаккули шахсият. Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ. –Душанбе – 2021, №1(5), – ISSN 2708- 5759.

[5-М]. Азизова, Ф.Ш. Истифодаи самараноки технологияи инноватсионӣ дар фаъолияти таълимии хонандагон. //Паёми Пажуҳишгоҳи рушди маориф бо номи А.Ҷомӣ. – Душанбе -2022, № 1(37). - 32-35, ISSN 2617- 5620

[6-М]. Азизова, Ф. Ш. Ҷаҳоншавии технологияи муосир ва нақши он дар раванди таҳсилот. // Паёми Пажуҳишгоҳи рушди маориф бо номи А.Ҷомӣ. – Душанбе -2023,№ 1(41) – 201– 204, ISSN 2617- 5329

[7-М]. Азизова, Ф.Ш. Шароит ва омилҳои асосии баланд бардоштани таълими босифат дар низоми кредитии таҳсилот // Паёми Пажуҳишгоҳи рушди маориф бо номи А.Ҷомӣ. – Душанбе. – 2023, № 2 (42), – 9 – 14,

[8-М]. Азизова, Ф.Ш. Роҳҳо ва усулҳои истифодаи технологияи иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ дар раванди омӯзиш // Паёми Пажуҳишгоҳи рушди маориф бо номи А.Ҷомӣ. – Душанбе. – 2024, № 1 (45), – 54 – 59, ISSN 2617- 5320

[9-М]. Азизова, Ф.Ш. Тадбиқи технологияи муосир дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ. // Паёми Пажуҳишгоҳи рушди маориф бо номи А. Ҷомӣ. – Душанбе – 2025, № 1(49). – С. 134 - 139, ISSN 2617 - 5320.

Новобаста аз дастоварду муваффақиятҳо ва пешниҳодҳои ҳадафмандона диссертатсияи мазкур аз норасоиҳо ва ғалатҳое, ки хусусияти ҷузъӣ доранд, холӣ нест ва камбудиҳои ҷойдошта сифати баланди илмии дяссертасияро коста намегардонанд. Ба инобат ґирифтани онҳо дар таҳқиқоти ояндаи унвонҷӯ самаранок арзёбӣ мегарданд:

1. Дар матни диссертатсия баъзе ғалатҳои имлоӣ ва техникӣ вуҷуд доранд, киислоҳи онҳо барои баланд бардоштани сатҳи илмӣ ва сифати таҳияи рисола зарур мебошад (масалан, аз саҳифаи 9 то 24).

2. Дар қисмати сатҳи таҳқиқии рисола ҷанбаҳои гуногуни масъала набояд танҳо аз олимону муҳаққиқони рус, балки аз ақидаҳои дигар олимона соҳа дарҷ мегардид;

3. Дар объекти таҳқиқот, дар ҷараёни таълим, дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ мақсади таҳқиқ бояд нишон дода шавад.

4. Гарчанде муаллиф калимаҳои ихтисоршударо дар диссертатсия, дар саҳифаи дуюми рисола шарҳу тавзеҳ дода бошад ҳам, баъзе ихтисораҳо дар матн ба назар мерасанд, кн дар рӯйхати мазкур шарҳ дода нашудаанд ё ҳангоми истифодаи аввалини онҳо маънояшон мушаххас гардонида нашудааст.

Камбудиҳои зикргардида ба арзиши баланди илмии таҳқиқоти анҷомдода таъсир намерасонанд ва онҳо характери тавсиявӣ дошта, дар оянда барои беҳтар гардидани сифати диссертатсия кумак мерасонанд. Мавриди зикр аст, ки таҳқиқоти гузаронидаи диссертант арзишҳои

назаррасро соҳиб буда, дақиқӣ ва возеҳии мафҳуми диссертатсия дар гузориши муаммо ва роҳҳои ҳалли он, вазифагузории он, аҳаммияти назариявию амалӣ гувоҳи онанд.

Автореферати диссертатсия тибқи тартиби муқарраргардида барои дарёфтӣ дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.1. Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот таҳия гардида, мазмуни асосии кори таҳқиқотиро инъикос менамояд ва дар он натиҷаҳои назарраси илмӣ асоснок гардида, шарҳи пурраи худро ёфтаанд.

Дар умум, таҳқиқоти диссертатсияи Шарифзода Файзигул Шариф дар мавзуи «Истифодаи воситаҳои иттилоотию технологияи инноватсионии таълим дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба талаботи Низомномаи Шурои диссертатсионӣ ва Тартиби додани дараҷаи илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267) ва Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисос, номзади илм ва доктори илм ҷавобгӯ буда, муаллифи он Шарифзода Файзигул Шариф барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.1. Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот сазовор мебошад.

Тақриз аз тарафи эксперт, номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи педагогикаи умумидонишгоҳии Қаюмова Ҳ.Т. мураттаб шудааст.

Тақриз дар ҷаласаи кафедраи педагогикаи умумидонишгоҳии Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода муҳокима ва тасдиқ карда шудааст (протоколи №10/1 аз 25.05. соли 2026), ки довталаби дараҷаи илмӣ Шарифзода Файзигул Шариф иштирок ва бо маърӯза баромад намуд.

Ба диссертатсия ва автореферат тақризҳо ворид шудаанд.

Тақризҳоро шахсони зерин фиристодаанд:

1. Назаров Аҳтам – доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи технологияи рақамӣ ва амнияти киберии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Муқарриз чунин эрод пешниҳод кардааст:

а) Баъзе масъалаҳои назариявии марбут ба таснифи технологияҳои инноватсионӣ метавонанд муфассалтар шарҳу тавзеҳ дода шаванд.

(б) Дар матн баъзе норасоиҳои услубӣ ва таҳририӣ ба назар мерасанд, ки ҳангоми таҳияи варианти ниҳоӣ ислоҳшаванда мебошанд.

2. Холмуродов Фариддун – номзади илмҳои педагогӣ, дотсент, мудири кафедраи педагогикаи Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Н. Хусрав.

Тақриз мусбат мебошад. Муқарриз эрод надорад.

3. Шарипов Раҳмоналӣ Саидакбарович – номзади илмҳои педагогӣ, мудири маркази бақайдгирӣ, мавшваратӣ ва тестии Коллеҷи омӯзгории Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ.

Муқарриз чунин эрод пешниҳод кардааст:

(а) Баъзе хатогиҳои техникӣ дар кор мушоҳида гардидааст, ки мазмуни онро коста намегардонад.

(б) Дар матн баъзе норасоиҳои таҳририӣ ва услубӣ ба назар мерасанд.

4. Маҳкамова Машҳура – номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи иқтисод ва идора дар соҳаи маорифи Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф.

Муқарриз эрод надорад. Тақриз мусбат мебошад.

Муқарризони ба автореферат тақриз пешниҳоднамуда қайд мекунанд, ки таҳқиқоти диссертатсионӣ ба талабот ҷавобгӯ буда, довталаби дараҷаи илмӣ Шарифзода Файзигул Шариф сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илм аз рӯйи ихтисоси 5.3.1. Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот мебошад.

Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар дар асоси хулосаи комиссияи экспертӣ ва қарори шурои диссертатсионии 6D.КОА-077 аз 28 апрели соли 2025, протоколи №128-ИҲ, тибқи банди 61, Низомнома оид ба шурои диссертатсионӣ ва бандҳои 67, 69 ва 74-75-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, асоснок гардидааст.

**Шурои диссертатсионӣ қайд мекунад, ки** дар асоси таҳқиқоти анҷомдодаи унвонҷӯ корҳои зерин **иҷро шудаанд:**

- ташаккули технологияҳои муосири рушди салоҳиятҳои асосии хонандагон тавассути истифодаи воситаҳои иттилоотию технологияи инноватсионии таълим дар заминаи методологӣ ва назариявӣ **асоснок карда шудааст;**

- омӯзиши технологияи инноватсионии таълим дар асоси равиши салоҳиятмеҳвар шароити рушди малакаи таҳлилӣ ва қобилияти иттилоотии хонандагон **асоснок карда шудаанд;**

- ҷанбаҳои психологӣ ва педагогӣ дар истифодаи воситаҳои иттилоотию технологияи инноватсионии таълим **аниқ карда шудааст;**

- вобаста ба рушди салоҳиятҳои асосии хонандагон тавассути истифодаи воситаҳои иттилоотию технологияи инноватсионии таълим нигаронидашуда**, амсила таҳия ва тасвиб карда шудааст;**

- муҳтавои раванди таълиму тарбияи ба рушди салоҳиятҳои асосии хонандагон тавассути истифодаи воситаҳои иттилоотию технологияи инноватсионии таълим **тарҳрезӣ карда шудааст;**

- таҷрибаи амалии фаъолияти касбии муаллифи рисола **коркард ва пешниҳод карда шудааст;**

- самтҳои фаъолияти омӯзгори муассисаи таълимӣ бо хонандагон дар самти рушди салоҳиятҳои асосии хонандагон тавассути истифодаи воситаҳои иттилоотию технологияи инноватсионии таълим дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ **муайян карда шудааст;**

- нақши рушди салоҳиятҳои асосии хонандагон тавассути истифодаи воситаҳои иттилоотию технологияи инноватсионии таълим дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ муайян, аз ҷиҳати назариявӣ асоснок ва ба таври озмоишӣ мавриди санҷиш қарор дода шуда, самаранокии онҳо **собит карда шудааст;**

- тавсияҳои методӣ роҷеъ ба омӯзиши ташаккули истифодаи воситаҳои иттилоотию технологияи инноватсионии таълим ва нақши он дар рушди педагогикаи миллии халқи тоҷик дар фаъолияти педагогӣ **коркард ва пешниҳод карда шудааст;**

- самаранокии дар амал татбиқ намудани ҷанбаҳои педагогии рушди истифодаи воситаҳои иттилоотию технологияи инноватсионии таълим дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ба таври озмоишӣ **санҷида шудааст.**

**Аҳамияти назариявии таҳқиқ бо он асоснок карда шудааст, ки:**

- мафҳуми «воситаҳои иттилоотию технологияи инноватсионии таълим» барои хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дақиқ ва систематикӣ **шарҳ дода шудааст;**

- структураи методологӣ ва психолого-педагогии ин салоҳиятҳо таҳлил гардида, ҷузъҳои асосии он (иттилоотӣ, маърифатӣ, таҳлилӣ, арзишӣ ва амалии иҷтимоӣ) **асоснок карда шудаанд;**

- модели педагогии ташаккули салоҳият **таҳия ва пешниҳод карда шудааст;**

- муқаррароту тавсияҳои назариявии дар диссертатсия ироа шуда ба методологияи муносибати системавӣ ва консепсияи илмии педагогиву психологӣ асоснок гардида, ба методҳои назариявӣ такя мекунад, ба таври васеъ мавриди таҳқиқоти минбаъда ва истифода **қарор гирифта метавонад;**

- барои корҳои минбаъдаи илмӣ **кӯмак расонида метавонад;**

- анҷоми ин таҳқиқот метавонад барои нишон додани бартарии салоҳиятҳои рушди салоҳиятҳои асосии хонандагон тавассути истифодаи воситаҳои иттилоотию технологияи инноватсионии таълим дар раванди таълим **саҳифаҳои нав боз кунад;**

- маводи таҳияшуда дар нашри китобҳои дарсӣ, васоити таълимӣ, энсиклопедияҳо ва солномаҳо мавриди **истифода қарор гирифта метавонад;**

**Аҳамияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дараҷаи илмӣ дар амалия,** чунин тасдиқ карда мешавад, ки:

- таҳияи тарзу воситаҳои ташхисӣ барои муайян ва таҳқиқ кардани салоҳиятҳои технологияи инноватсионии таълим ва талаботи онҳо ба худрушддиҳӣ дар шароити муосири муассисаҳои таълимӣ **кӯмак расонанд;**

- таҳияи тавсияҳо оид ба истифодаи амсилаи рушди салоҳиятҳои асосии хонандагон тавассути истифодаи воситаҳои иттилоотию технологияи инноватсионии таълим ба таври самаранок ташаккул додани онҳо **фароҳам меоварад**;

- озмоиш ва ҷорӣ намудани барномаи ҳамкориҳои самарабахш оид ба омӯзиши рушди истифодаи воситаҳои иттилоотию технологияи инноватсионии таълим дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва нақши он дар рушди педагогикаи миллии халқи тоҷик ба худҳавасмандсозӣ, худташкилкунӣ ва худрушддиҳии хонандагон **кӯмак мерасонад;**

- мавод ва натиҷаҳои таҳқиқотро дар амалияи кор бо омӯзгорони зинаи таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ва дар такмили ихтисоси омӯзгорон **метавонанд** ба таври васеъ **мавриди истифода қарор бигиранд;**

- тавсияҳои илмию педагогии дар кори таҳқиқотӣ коркардшударо омӯзгорон **метавонанд** ҷиҳати баланд бардоштани самарабахшии кор ва сифати таълим **истифода баранд;**

- муҳтавои таҳқиқоти мазкурро ҳамчун курси махсус, барои бозомӯзии омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ **метавон тадрис намуд;**

- натиҷаҳои таҳқиқот дар таҳияи барномаҳо, роҳнамо ва дастурҳои методӣ барои омӯзгорон ва воситаҳои таълимӣ барои муассисаҳои таҳсилоти умумӣ **ёрии амалӣ мерасонанд.**

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот** нишон доданд, ки дараҷаи асоснокӣ ва дурустии илмиву назариявии таҳқиқоти диссертасионӣ, корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ ва хулосаву тавсияҳои пешниҳодшударо бо асосҳои зерин собит месозанд:

- асоснокӣ ва эътимоднокии натиқаҳои таҳқиқот, асосҳои методологӣ ва назариявии таҳқиқот **таъмин карда шудаанд;**

- мустаҳкамии назариявии фарзияи таҳқиқот, ки дар асоси таҳлили манбаъҳои илмии дохилӣ ва хориҷӣ таҳия гардида, бо таваҷҷуҳ ба хусусиятҳои синнусолӣ ва шахсияти хонандагон **такмил дода шудааст;**

- истифодаи маҷмӯи усулҳои гуногуни таҳқиқоти эмпирикӣ (мушоҳида, саволнома, мусоҳиба, озмоиши муқаддимавӣ ва ташреҳӣ), ки натиҷаҳоро аз ҷиҳати сифатӣ ва микдорӣ тасдиқ менамоянд **исбот карда шудааст;**

- маҷмӯи усулҳои назариявӣ ва таҷрибавии таҳқиқотро, ки ба мавзуъ ва ҳадафҳои асосии таҳқиқот мувофиқанд **таъмин карда метавонанд;**

- интихоб ва таҳлили шароит, инчунин, натиҷаҳои таҳқиқоти таҷрибавӣ-озмоишӣ **таъмин карда шудаанд;**

- тасдиқи қоидаҳое, ки дар фарзия ва ғояи таҳқиқот пешниҳод шудаанд, **исбот карда шудааст;**

- таҳлилу арзёбӣ ва ҷамъбасти натиҷаҳои дар раванди таҳқиқот ва корҳои озмоишӣ бадастомада, **коркард ва самаранокии онҳо исбот карда шудааст;**

- муътамад будани натиҷаҳои ноилшуда ва таҷрибаи амалии фаъолияти касбии муаллифи диссертатсия **асос ёфтаанд;**

- истифодаи методҳои такмилдиҳандаи якдигар, мақсадҳои комилан мувофиқ, вазифаҳо ва мавзуи таҳқиқот, тасдиқи натиҷаҳои таҳқиқот тавассути методҳои оморӣ ва таҳлил **ба даст омадаанд;**

- иштироки бевоситаи муаллиф дар фаъолияти касбии омӯзгорӣ, илмӣ-методӣ, таҳқиқотӣ ва ташкили он дар пойгоҳи озмоишӣ **таъмин карда шудаанд.**

- муқаррароти дар таҳқиқот пешниҳодшуда бо нукоти назариявӣ ва методологӣ, асоснокӣ ва комилан мувофиқ будан бо масъала ва предмети таҳқиқот мувофиқ буда, баланд бардоштани самарабахшии рушди салоҳиятҳои асосии хонандагон тавассути истифодаи воситаҳои иттилоотию технологияи инноватсионии таълим дар муҳити муосири муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз бисёр ҷиҳатҳо **таъмин карда метавонанд;**

- натиҷаҳои таҳқиқот бо кори озмоишӣ, таҷрибаи шахсии педагогии муаллифи таҳқиқоти диссертатсионӣ тасдиқ карда шуда, натиҷаҳои ташхису санҷиш ба муқоисаи маълумоти дар ҷараёни корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ бадастомада (то озмоиш ва баъди озмоиш) **асос ёфтанд;**

- **натиҷаҳои таҳқиқот** дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ, мизҳои мудаввару семинарҳои илмиву методӣ ва омӯзишӣ ва ғ. **ироа, тасвиб ва баррасӣ шудаанд**.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар ба амал баровардани фаъолиятҳои зерини илмӣ-таҳқиқотӣ таҷассум меёбад:**

- **дар таҳлили** ҳамаҷонибаи масъалаҳои вобаста ба таҳқиқот;

- **дар истифодаи силсилаи усул ва методҳо** вобаста ба мавзуъ, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот;

- **дар иштироки бевосита**и муалиф дар тамоми марҳилаҳои таҳқиқот ва таҳлили ҳамаҷонибаи мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ;

- **дар ҷамъоварии мавод ва таҳлили амиқи** адабиёти илмӣ, таҳлил ва шарҳу тафсири маълумоти дарёфтшуда оид ба масъалаҳои мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ, коркарди мушоҳида ва таҷрибаву озмоиш бо зикри натиҷаҳои ноилшуда;

- **дар банакшагирии дурусту мувофиқи таҳқиқоти назариявӣ ва озмоишӣ, таҳлили миқдорӣ ва сифатии** маводу натиҷаҳои дар ҷараёни корҳои озмоишӣ бадастомада;

- **дар истифодаи маҷмуи зиёди методу воситаҳои таҳқиқотӣ** вобаста ба мавзуъ, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот;

- **дар таҳияи воситаҳои ташхис** барои муайян кардани ҷанбаҳои педагогии рушди салоҳиятҳои асосии хонандагон тавассути истифодаи воситаҳои иттилоотию технологияи инноватсионии таълим;

- **дар ташкил ва баргузор кардани таҳқиқоти озмоишӣ**, тасдиқи амалии муқаррароти ба ҳимоя пешниҳодшуда дар раванди озмоиш, таҳлили натиҷаҳо ва коркарди маълумот;

- **дар коркард ва мавриди озмоиш қарор додани** технологияи инноватсионии таълим зимни истифодаи онҳо дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- **дар таҳия ва нашри мақолаҳои илмӣ ва тавсияҳои методӣ**, иштирок дар чорабиниҳои илмӣ ва ироаи натиҷаҳои таҳқиқот, ҷаъбасти натиҷаҳои бадастомада ва коркарди таҳқиқоти диссертатсионӣ.

Дар маҷлис аз 8 июли соли 2026, №132 шурои диссертатсионӣ қарор кард, ки Шарифзода Файзигул Шариф ба дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.1. Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот сазовор дониста шавад.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ 10 нафар иштирок доштанд, аз ҷумла 5 нафар аз рӯйи ихтисоси самти диссертатсияи баррасишаванда. Овоз доданд:

тарафдор – 10 нафар, муқобил – нест, бюллетенҳои беэътибор – нест.

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои педагогӣ — Сафаров Шодӣ Асомуродович

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои педагогӣ — Муҳиддинзода Баҳриддин

Санаи барасмиятдарории хулоса: 8.07.2026.